**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2026. – 43 саҳ).**

Субъекти ҷиноят ҳамчун яке аз институтҳои калидӣ ва бунёдии ҳуқуқи ҷиноятӣ эътироф гардида, дар тамоми марҳилаҳои ташаккул ва рушди таърихии ин соҳа мавриди таваҷҷуҳи пайвастаи олимон, муҳаққиқон ва ҳуқуқтатбиқкунандагон қарор гирифтааст. Аҳамияти субъекти ҷиноят дар он ифода меёбад, ки маҳз тавассути муайян намудани хусусиятҳои ҳуқуқии шахси содиркунандаи кирдори ҷиноятӣ мумкин аст доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ, асосҳои ҷавобгарӣ ва меъёрҳои татбиқи адолати судӣ дақиқ карда шаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳалаи ташаккул ва рушди давлати демократии ҳуқуқбунёдро аз сар гузаронида истода, дар он ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эҳтиром, риоя ва ҳифз карда мешавад, вале бо рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ зуҳуроти ҷиноятӣ афзуда, боиси пайдо шудани навъҳои нави ҷиноятҳо ва шаклҳои нави содиршавии онҳо гардид. Дар замони муосир, бинобар сабаби ба вуҷуд омадани намудҳои нави ҷиноят ва афзоиши сатҳи ҷинояткорӣ дар баъзе категорияҳои субъектҳо, омӯзиши ин масъала боз ҳам мубрамтар гардидааст. Атрофи субъекти ҷиноят дар адабиёт андешаҳои зиёду мухталиф ба назар мерасад, вале бисёр ҷанбаҳои он ҳанӯз норавшан боқӣ монда, ба тадқиқи ҷудогона ниёз дорад. Ҳамаҷониба омӯхтани онҳо зарур аст, зеро маҳз илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд барои мақомоти тафтишотӣ ва судӣ барои ҳалли мушкилоте, ки ҳангоми таснифи ҷиноятҳои содиркардаи ин гуна субъектҳо ба миён меоянд, тавсияҳои умумӣ таҳия намоянд. Бо дарназардошти ин, метавон гуфт, ки тадқиқоти

диссертатсионии анҷомдодаи муҳаққиқ Ҳусейнзода С.Ҳ., оид ба масъалаи зикршуда, аҳаммияти калони назариявию амалӣ дорад.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пайдарпай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботи ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои мукаммал ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст. Бешубҳа метавон гуфт, ки натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аҳаммияти калони назариявию амалиро соҳибанд.

Муҳаққиқ ба паҳлуҳои гуногун ва муҳими институти субъекти ҷиноят таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, дар ҷараёни таҳқиқ ва таҳлили онҳо хулосаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва муътамадро пешниҳод намудааст. Нуктаҳои илмӣ, инчунин навгониҳои илмии дар автореферат инъикосёфта, дар ҳалли як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ нақши муҳим дошта, ба таҳкими заминаи илмии он мусоидат менамоянд. Илова бар ин, натиҷаҳои бадастомада барои таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати такмил ва рушди минбаъдаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам оварда, ба баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷиноятӣ мусоидат мекунанд.

Аз хулоса ва тавсияҳои илмию амалии дар автореферати диссертатсия зикршуда бармеояд, ки муаллиф зимни таҳқиқи ҳар як зербоб хулосаҳои муҳими назарию амалиро манзур кардааст. Аз ҷумла, мафҳум ва аломатҳои субъекти ҷиноятро муайян карда, таърихи рушди меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба субъекти ҷиноят дар Тоҷикистонро ба таври васеъ таҳлил намудааст.

Рисоланавис дар автореферат масъалаи мукаллафиро таҳлили ҳаматарафа намуда, мафҳуми онро чунин пешниҳод намудааст: «Шахси воқеие, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят хусусияти воқеии ба ҷамъият хавфнокӣ ва зиддиҳуқуқӣ будани кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) худро дарк ва онро идора карда метавонад, мукаллаф эътироф мешавад». Мафҳуми

мазкур аз ҷониби муаллиф ба таври ҳамаҷониба ва дар сатҳи илмӣ мавриди таҳлил ва муҳокима қарор гирифтааст. Зеро дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои танзими масъалаи номукаллафӣ меъёри алоҳида пешбинӣ гардида бошад ҳам, нисбат ба мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқии мукаллафӣ меъёри мустақим ва возеҳ муқаррар нагардидааст. Ин холигии меъёрӣ дар низоми қонунгузории ҷиноятӣ метавонад ҳангоми татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва муайян намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ мушкилоти муайян ба миён орад. Бо дарназардошти ин ҳолат, масъалагузории илмии муаллиф дар мавриди субъекти ҷиноят ва таҳқиқи паҳлуҳои марбут ба он дорои аҳамияти махсуси назариявӣ ва амалӣ буда, таҳияи рисола дар ин самт ҳамчун иқдоми саривақтӣ ва зарурӣ арзёбӣ мегардад, ки метавонад ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва рушди доктринаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат намояд.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ дар заминаи қонунгузории соҳавии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ анҷом дода шуда, дар натиҷа, роҳҳои такмили қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ гардидаст. Ҳамзамон, зимни таҳқиқот муаллиф аз усулҳои гуногуни умумиилмӣ ва махсуси илмӣ самаранок истифода бурдааст, ки хоси ба роҳ мондани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Муҳаққиқ мавзуи таҳқиқоти худро дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва семинарҳои илмӣ-назариявӣ мавриди муҳокима қарор дода, доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адад аз онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф, дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ ва амалии худ, инчунин як қатор масъалаҳои баҳснок ва мавриди баррасӣ қароргирро дар бар мегирад. Аз ҷумла, муҳаққиқ масъалаи зарурати тағйир додани номи моддаи 22 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешниҳод намудааст. Бояд қайд намуд, ки дар автореферат

асоснокии муқоисавии ин пешниҳод дар заминаи таҳлили таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ба таври кофӣ инъикос нагардидааст.

Эрод зикршуда аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба муҳтавои илмии диссертатсия ва автореферат таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Ҳусейнзода Сино Ҳотамӣ дар мавзуи «Субъекти ҷиноят: масоили назария, қонунгузорӣ ва амалия» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, мебошад.

**Муқарриз:**
сармутахассиси Раёсати ҳуқуқи дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Давлатзода К.Д.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
ноҳияи Сино, кӯчаи Асадулло Ғуломов 35, хонаи 9.
Тел: корӣ 221-06-10. Мобилӣ 93-823-18-23.
E.mail: komron231823@gmail.com

Имзои Давлатзода К.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳои дастгоҳи
Раиси шаҳри Душанбе Сайдуллозода Ф.Ф.
«27» 04 соли 2026

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 42.
Тел.: +992 (37) 223-06-10. E.mail: info@dushanbe.tj